**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D 021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар давраи истиқлолият омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти ирфонӣ, беш аз пеш мубрамтар мегардад, ки сабаби он дар замонаш ба хотири маҳдудиятҳои мафкуравӣ аз назари муҳаққиқон дур мондани ин бахши пурарзиш ва пурғановати адабиёти классикии форсии тоҷикӣ буд. Аз ин ҷиҳат, дар замони мо зарурати аз дидгоҳи фарогири арзишҳои адабӣ ва маърифатӣ таҳқиқ намудни осори ирфонӣ, аз ҷумла, «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ ба миён меояд. Чунки то имрӯз осори Қушайрӣ ва хосса «Рисолаи қушайрия», ки фарогири муҳимтарин матолиб ва масоили тасаввуфи назарию амалӣ мебошад ва дар байни осори насри ирфонии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ мақоми муҳим дорад, ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудааст.

Бояд гуфт, ки рӯзгор ва осори Қушайрӣ ва хосса рисолаи муҳимму мондагори ӯ то кунун дар адабиётшиносии тоҷик мавриди баррасии фарогири илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши ҷанбаҳои адабию ҳунарии «Рисолаи қушайрия», равшан намудани дараҷабандии масоили ирфонӣ дар ин асар, тавзеҳи мазмуну мундариҷа ва сарчашмаҳои адабию ирфонии он имкон медиҳад, ки ба як қатор проблемаҳои печидаи ин бахши пурбори адабиёти форсии тоҷикӣ равшанӣ андохта шавад. Таҳқиқи таърихи тарҷума, ҳунари мутарҷимон ҳангоми тарҷимаи форсии тоҷикии ин рисола, баррасии масоили тасҳеҳу нашр ва накди чопҳои илмию интиқодии «Рисолаи қушайрия» дар диссертатсияи Ҷ. Наҷотзода муфассал ва мудаллал баррасӣ мешаванд.

«Рисолаи қушайрия» намунаи зебо ва ҷаззоби насри ирфонист, ки он бо сабки хуби адабӣ ва бо истифода аз санъатҳои бадеӣ, бо корбурди бамавқеи истилоҳоти ирфонӣ таълиф шудааст. Дар диссертатсия ба афкори адабии Қушайрӣ, шеваҳои баёни адабӣ ва шарҳу тафсири мафҳумҳои ирфонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Зимни таҳқиқ диссертант таъкид мекунад, ки ин асар аз ҷумлаи сарчашмаҳои дасти аввали маърифати рукнҳои асосии тафаккур ва афкори ирфонӣ маҳсуб меёбад.

Дар диссертатсия муаллиф вазифаҳои асосии дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию пажуҳишӣ иҷро намудааст. Баррасии мазмуну муҳтаво, сарчашмаҳо, сохтори бадеӣ, ҳунари тарҷума, корбасти ороҳои адабӣ ва ғайра арзиши шоистаи назарию амалӣ доштани таҳқиқоти Ҷ. Наҷотзодаро собит месозанд.

Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло соли 2014 бо ихтисоси улуми исломӣ Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа, соли 2018 бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик зинаи магистр ва соли

2021 зинаи доктор PhD-ро дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ хатм намудааст. Айни замон, ба ҳайси омӯзгор дар Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит фаъолият дорад.

Кори диссертатсионии Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ арзёбӣ гардида, объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия, ки **«Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсӣ тоҷикӣ»** унвон дорад, фарогири баррасии масоили марбут ба мактабҳои ирфонӣ дар замони Қушайрӣ, рӯзгор ва осори ӯ, зарурат ва аҳаммияти адабию маърифатии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» ва сохтору мундариҷаи он мебошад. Дар фаслҳои ҷудогонаи боби мазкур масоили зикргардида ба таври муфассал мавриди баҳс қарор дода шудааст.

Боби дуюми таҳқиқоти мавриди назар **«Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсии тоҷикии «Рисолаи қушайрия»** унвон дорад. Дар ду фасли ин боби диссертатсия Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло чанд тарҷумаи рисолаи мазкурро ҳам аз дидгоҳи баёни матолиб ва муҳтаво ва ҳам аз назари сохтору орояҳои адабию бадеӣ таҳқиқ менамояд. Вай дуруст таъкид мекунад, ки ин китоб ҳанӯз дар замони зиндагии муаллиф ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума шуда буд. Тарҷумаи дуюми он тибқи ишораи Бадеуззамони Фурузонфар баъдтар дар Кирмон сурат гирифтааст. Ин ва дигар масоили марбут ба асари номбурда, дар фаслҳои алоҳидаи боби дуюми диссертатсия баррасӣ мегардад.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии «Рисолаи қушайрия»** унвон дошта, он ба ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ ва асолати хосси асари мавриди назар ихтисос дода шудааст. Дуруст таъкид мешавад, ки тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» асосан, дар сабки хуросонӣ сурат гирифтааст. Ин нукта дар фасли нахустини боби сеюм бо овардани далелҳои зиёди забонию сабкӣ ба субут мерасад.

Натоиҷи таҳқиқоти диссертант дар бахши хулосавии диссертатсия дар 14 банд пешниҳод гардидааст, ки аксари онҳо хулосабардории таҳқиқоти илмии муаллиф буда, қобили эътимод ва ҷолиби диққатанд. Илова бар ин, натоиҷи илмии диссертатсия дар мақолаҳо ва гузоришҳои илмии диссертант муаррифӣ гардидаанд.

Хулоса, диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (фармоиши раиси Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,
профессор, кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Салихов
Шамсидин Аслидинович

29.01.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский 52/30
Тел: (+992) 987650043

Имзои профессор Ш.А. Салиховро тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода
Сайвалӣ Муҳибулло

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj
Сомона: www.tgpu.tj

29.01.2026